*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 55 (4638) | ПАНҶШАНБЕ, 20 АПРЕЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



# ҲИКМАТИ ИДИ САИДИ ФИТР ҲАМДИГАРФАҲМИВУ ИТТИҲОДИ АҲЛИ ҶОМЕА МЕБОШАД

## Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати иди саиди Фитр

шаҳри Душанбе, 20 апрели соли 2023

**Ҳамватанони азиз!**

Имрӯз моҳи шарифи Рамазон анҷом меёбад ва фардо иди саиди Фитр фаро мерасад. Ба ин муносибат ҳамаи шумо ва ҳамватанони бурунмарзиамонро самимона табрик мегӯям ва ба хонадони ҳар як фарди Ватан тандурустӣ, сулҳу сафо ва хайру баракат орзу менамоям.

Мо шукрона мекунем, ки ба шарофати истиқлолу озодии кишварамон иди саиди Фитр ва дигар ойину суннатҳои миллиамонро дар шароити сулҳу оромӣ ва суботи комили сиёсӣ таҷлил менамоем.

Ҳамватанони мо иди саиди Фитрро ҳар сол бо амалҳои хайру савоб ва шодмониву хушҳолӣ истиқбол мегиранд. Дар ин рӯз мардуми мо аъмоли шоистаи инсонӣ, аз ҷумла кумаку дастгирӣ ба ятимону маъюбон, ниёзмандону камбизоатҳо, аёдати падару модарон ва калонсолонро анҷом медиҳанд ва дар ҳаққи гузаштагон дуои хайр мефиристанд.

Тибқи таълимоти дини мубини ислом, Худованд ин рӯзро барои ҳамаи мусулмонон ҳамчун рӯзи қабули дуои нек дар ҳаққи ҳамдигар, оромиву ободии Ватан ва анҷом додани корҳои хайру савоб муқаррар кардааст. Яъне, ҳикмати иди саиди Фитр ва дар маҷмӯъ, моҳи Рамазон ҳамдигарфаҳмиву иттиҳоди аҳли ҷомеа ва густариши арзишҳои неку созандаи ахлоқиву маънавӣ, аз ҷумла эҳтирому самимият ва ҳамгироиву таҳаммулгароӣ дар миёни одамон, мебошад.

Қобили зикр аст, ки имсол низ мардуми мо, дар баробари ба ҷо овардани фаризаҳои моҳи муборахи Рамазон, ба хотири таъмин намудани зиндагии осудаи худ киштукори баҳориро вусъат бахшида, барои ҳосили фаровон замина гузоштанд.

Дар шароите ки бар асари гармшавии иқлим ва оқибатҳои ногувори он - хушксоливу камобии солҳои охир, инчунин, паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва маҳдудиятҳои вобаста ба онҳо мардуми сайёра ба мушкилоти ҷиддии таъминот бо маҳсулоти ғизоӣ дучор гардидаанд, ҳар чӣ бештар истеҳсол кардани маҳсулот ба масъалаи муҳимтарину мубрами рӯз табдил ёфтааст.

Ба ибораи дигар, инсоният аз бисёр ҷиҳат, хусусан аз лиҳози таъминот бо озуқаворӣ, мушкилтарин давраро дар таърихи қариб садсолаи худ аз сар гузаронида истодааст. Табиист, ки дар чунин вазъият ҳар як давлат дар андешаву талоши ҳалли мушкилоти мардуми худ мебошад.

Бинобар ин, мо бояд, пеш аз ҳама, ба хотири таъмин намудани аҳли оила ва фарзандони худамон, фароҳам овардани шароит барои рӯзгори осудаи мардумамон, пешрафти давлати соҳибистиқлоламон ва ободии Ватани маҳбубамон боз ҳам бештар заҳмат кашем ва дар ин ҷода тамоми саъю талош ва захираву имкониятҳоямонро сафарбар созем.

Бо дарназардошти вазъи баамаломада дар ҷаҳони муосир зарур аст, ки мо ба масъалаи сарфаю сариштакорӣ, пешгирӣ кардани зоҳирпарастиву намоишкорӣ ва исрофи маҳсулоти ғизоӣ, аз ҷумла дар рӯзҳои ид ва риояи ҳатмии талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим» ҷиддӣ муносибат кунем.

Ҳамватанони азизи мо аз вазъияти сиёсии ҷаҳони муосир хуб огоҳӣ доранд. Бар асари мухолифату низоъҳо дар байни абарқудратҳо, таҳримҳо ва буҳронҳои молиявию иқтисодӣ вақтҳои охир вазъи минтақа ва ҷаҳон бисёр ҳассосу мураккаб шуда, сулҳу оромӣ ва ҳатто истиқлоли сиёсии давлатҳо осебпазир гардидааст.

Дар чунин шароит мо бояд беш аз пеш сарҷамъу муттаҳид ва зираку ҳушёр бошем, манфиатҳои милливу давлатӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро ҳифз кунем.

Хотиррасон менамоям, ки фазилат ва ҳикмати дигари иди саиди Фитр ва дини мубини ислом, ки ҳамчунин аз ҷумлаи арзишҳои имониву ахлоқӣ ба ҳисоб меравад, расидан ба қадри неъматҳои зиндагӣ ва шукргузорӣ аз онҳо мебошад.

Неъмати бузургтарин дар зиндагии ҳар яки мо истиқлолу озодии Ватани биҳиштосоямон, сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ аст. Аз ин лиҳоз, ниҳоят зарур аст, ки дар ҳар як оила ба таълиму тарбияи дурусти фарзандон ва ба роҳи рост ҳидоят намудани онҳо эътибори аввалиндараҷа зоҳир карда шавад.

Мо вазифадорем, ки наврасону ҷавононро ба китобхонӣ, илму донишомӯзӣ, аз худ намудани касбу ҳунар, техникаву технологияҳои замонавӣ, забонҳои хориҷӣ, инчунин заҳматдӯстиву созандагӣ роҳнамоӣ кунем ва барои онҳо шароити зарурӣ фароҳам оварем. Зеро дар оянда ба таври шоиста соҳибӣ кардани давлат ва ободу пешрафта гардонидани Ватан танҳо тавассути наслҳое имконпазир мегардад, ки илму донишҳои замонавӣ, касбу ҳунарҳои мутобиқ ба талаботи даврони пешрафт ва ҷаҳонбинии муосиру васеъ дошта, ватандӯсту ватанпараст, содиқ ба давлату миллат ва худшиносу худогоҳ бошанд.

Бовар дорам, ки ҳар як фарди огоҳу савобҷӯй дар ин рӯзи муборак фармудаҳои ислом ва анъанаҳои мактаби одамияти гузаштагони бузургамонро идома бахшида, барои анҷом додани амалҳои нек ва дар навбати аввал, дароз кардани дасти кумак ба ятимону маъюбон, ниёзмандону оилаҳои камбизоат ва дигар корҳои хайр кӯшиш менамояд.

Мову шумо масъулу вазифадорем, ки бо талоши ватандӯстонаву заҳмати созандаи худ мунтазам беҳтар гардидани некуаҳволии ҳар як оилаи мамлакатро таъмин намоем, сарзамини аҷдодӣ - Тоҷикистони биҳиштосоямонро обод кунем, давлати соҳибихтиёрамонро неруманду пешрафта гардонем ва нуфузу обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардорем.

Бори дигар мардуми Тоҷикистони азизамон ва ҳамватанони бурунмарзиамонро бо фаро расидани иди саиди Фитр табрик мегӯям ва ба ҳар як хонадони кишвар сулҳу оромӣ, саломатӣ, саодати зиндагӣ, файзу баракати фаровон ва барои кишвари маҳбубамон оромиву суботи ҷовидонӣ орзу менамоям.

**Иди саиди Фитр муборак, ҳамватанони азиз!**

**Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**



# ДАР БОРАИ АЛОҚАИ БАРҚӢ ҚОНУН ҚАБУЛ ШУД

**19 - уми апрели соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 59 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ализода Алишер Ҳикматулло, муовини раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавлодод Абдулқодир Мавлодод, муовини сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Илҳом Атоев, мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Сайфиддин Сироҷзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа се масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ»**

**2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон»**

**3. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда».**

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъалаи якум сухан ба муовини сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Атоев Илҳом дода мешавад. Марҳамат.

**Илҳом АТОЕВ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» дар таҳрири нав бо мақсади мутобиқ намудани муқаррароти он ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини рақобати озод, рушди соҳа, пешгирии таҳдидҳо ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ бо истифода аз шабакаҳои алоқаи барқӣ, мусоидат дар таъмини қисми даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби хироҷҳои соҳаи алоқаи барқӣ, истифодабарии имкониятҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар идоракунии давлатӣ ва татбиқи «ҳукумати электронӣ» ва қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавӣ пешниҳод гардидааст.

Зарурати дар таҳрири нав қабул намудани қонуни мазкур мутобиқ намудани он ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», сода, оммафаҳм ва мушаххас гардонидани муқарраротi қонунгузорӣ дар соҳаи алоқаи барқӣ, пешгирии духӯрагӣ ва аз муқарраротi қонунгузории соҳаи алоқаи барқӣ хориҷ намудани меъёрҳое, ки ба қонунгузории дигар соҳаҳо алоқаманданд, таъмини амнияти иттилоотӣ тавассути соҳаи алоқаи барқӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва умумидавлатӣ, инчунин, пешгирии ҳама гуна кирдорҳои ғайриқонунӣ дар соҳаи алоқаи барқӣ, ба инобат гирифтани манфиатҳои давлат дар самти истифодабарии хизмати алоқаи барқӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ, таъмин ва ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини сифати баланди хизматрасонии алоқаи барқӣ ба истифодабарандагон, ба таври ройгон анҷом додани бақайдгирии идентификаторҳои воситаҳои мобилии алоқаи барқӣ, таҳкими хизматрасонии универсалии алоқаи барқӣ, таҳкими ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иҷозатномадор ва истифодабарандагони соҳаи алоқаи барқӣ, таъмини рақобати солим дар соҳаи алоқаи барқӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ҳамаи субъектони соҳа, дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи алоқаи барқӣ ва бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ мебошад.

Бо қабул гардидани қонуни мазкур анҷом додани як қатор корҳо, аз қабили азнавташкилдиҳии равандҳои корӣ дар соҳаи алоқаи барқӣ, зарурати қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии нав ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии амалкунандаи соҳа, хароҷот барои харидорӣ ва васлу насби таҷҳизоти наву муосири техникӣ, дар вақти муайян барои оммафаҳм гардидани муқарраротi лоиҳаи қонуни мазкур ва мавриди корбарии пурра қарор гирифтани он, ба нақша гирифта шудааст.

Бинобар ин, аз шумо, вакилони гиромӣ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ»-ро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст?

Сухан ба муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадалӣ ВАТАНЗОДА:** - Тавре аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, зарурати таҳияи қонуни мазкур дар таҳрири нав бо мақсади беҳтар кардани хизматрасонӣ дар самти интернети босуръат ва босифат мебошад. Дар ин самт чӣ кор кардед?

**Илҳом АТОЕВ: -** Дар қонуни нав моддаи 14 ҷой дода шудааст, ки «Хизматрасонии интернет» ном дорад. Он аз 4 банд иборат буда, таъмин намудани хизматрасониҳо, баланд бардоштани суръат ва сифати интернетро танзим менамояд. Дар се моҳи аввали сипаришудаи соли равон, тибқи фармоиши сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳамкорӣ бо мутахассисони ширкатҳои алоқаи мобилӣ ва интернетпровайдерҳо ситод таъсис ва як қатор корҳо анҷом дода шудааст. Ворид намудани интернети баландсуръат ба кишварро ба 100 гигабайт расондем, ки зарфияташ дар ин шабонарӯз зиёд аст.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# БАРГУЗОРИИ ҶАМЪОМАД ТАҲТИ УНВОНИ «ТОҶИКИСТОН – ТАШАББУСҲОИ ГЛОБАЛӢ ДАР СОҲАИ ОБ» ДАР МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**18-уми апрели соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дар мавзӯи «Тоҷикистон - ташаббусҳои глобалӣ дар соҳаи об» ҷамъомади парламентӣ баргузор гардид.**

Дар он роҳбарияти Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, фиристодаи вижаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Эътилофи обу иқлим, раиси Кумитаи иҷроияи Бунёди байналмилалии Наҷоти Арал иштирок намуданд.

Ҷамъомадро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҳусни оғоз бахшида, иброз намуд, ки ташаббусҳои байналмилалии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи созмонҳо ва ҷамъомадҳои минтақавию байналмилалӣ, бахусус дар соҳаи об ва иқлим, ки ниёзҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳастанд, нақши муассир ва ҳалкунанда бозида истодааст.

Аз ҷониби Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул шудани қатъномаҳо оид ба эълони соли 2023 «Соли байналмилалии оби тоза», Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об-барои ҳаёт», солҳои 2005-2015, «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, соли 2013», Даҳсолаи байналмилалии амал «Об-барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» аз таваҷҷуҳи ҷиддӣ ва истиқболи комили ҷомеаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад.

Сипас, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Сайдмурод Фаттоҳзода, муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шараф Шерализода, вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Далер Ҷумъа, фиристодаи вижаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Эътилофи обу иқлим, раиси Кумитаи иҷроияи Бунёди байналмилалии Наҷоти Арал Султон Раҳимзода, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Рустам Латифзода роҷеъ ба раванди ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон дар соҳаи об маърӯза карданд.

Маҳмадтоир Зокирзода зимни ҷамъбасти ҷамъомад аз сафари чанде пеш доиршудаи ҳайати парлумонии кишвар ба шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия барои иштирок дар кори ҷаласаи Шӯрои Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ёдовар шуда, чунин гуфт:

- Дар ҳошияи ҷаласаи пленарии 55-уми Ассамблеяи байнипарлумонӣ аз ташаббусҳои Пешвои миллат роҷеъ ба масъалаҳои обу иқлим сухан ронда, аз ҷумла таъкид доштам, ки кишвари мо мавқеашро нисбат ба мушкилоти печидаи обию энергетикии минтақа борҳо эълон кардааст, ки танҳо ҳамкории судманди мутақобила, аз ҷумла дар сатҳи байнипарлумонӣ бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ – шарикони рушд ягона, василаи оқилона ва самараноки ҳалли онҳо мебошад.

Дар фарҷоми ҷамъомад мутобиқи банди 277 Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи масъалаи баррасишаванда, бо назардошти таклифу эродҳое, ки дар маърӯзаву баромадҳо қайд гардиданд, қарор ва тавсияҳои дахлдор қабул шуданд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ҚАРОРИ КОМИССИЯИ МАРКАЗИИ ИНТИХОБОТ ВА РАЪЙПУРСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи таъин кардани интихоботи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази узви хориҷшуда дар ҳавзаи интихоботии бисёрмандатӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вилояти Хатлон №3**

Мутобиқи моддаҳои 12 ва 57 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Интихоботи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази узви хориҷшуда дар ҳавзаи интихоботии бисёрмандатӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вилояти Хатлон №3 рӯзи 21 - уми июни соли 2023 таъин карда шавад.

**Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Б. ХУДОЁРЗОДА**
**Котиби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Н. САМАДЗОДА**
**ш. Душанбе, 18 апрели соли 2023, №181**

**19-уми апрели соли равон дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷаласаи 9-уми намояндагони вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва вакилони парлумони давлатҳои Осиёи Марказӣ оид ба тағйирёбии иқлим ба кор шурӯъ кард, ки дар он вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳуснигул Одиназода ва Файзулло Наҷмиддиниён ширкат варзиданд.**

# ИШТИРОКИ НАМОЯНДАГОНИ ПАРЛУМОНИ КИШВАР ДАР КОРИ ҶАЛАСА ОИД БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

Вакили Маҷлиси намояндагон Ҳуснигул Одиназода дар назди иштирокчиёни ҷаласа дар мавзӯи «Такмили қонунгузорӣ, заминаи институтсионалӣ ва татбиқи сиёсати иқлимӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ, пешрафт ва иҷрои ӯҳдадориҳои ба зиммагирифта оид ба иқлим» маърӯза намуда, гуфт, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ мавҷудияти мушкилоти тағйирёбии иқлим ва зарурати амалкарди ҳамоҳангшуда ва глобалиро эътироф кардааст. Қариб ҳамаи бахшҳои иқтисодиёт, экосистемаҳои табиӣ ва саломатии инсон ба ҳодисаҳои номусоидии обу ҳаво ва тамоюлҳои устувори дарозмуддати тағйирёбии иқлим бештар осебпазир мешавад.

Зикр гардид, ки сиёсати Тоҷикистон оид ба масъалаи тағйирёбии иқлим ба таъмини устувории экологӣ ва мутобиқсозии иқтисодиёти миллӣ ба воқеияти иқлим нигаронида шудааст. Кишвари мо дар асоси дарки дурусти мушкилоти рӯзафзуни об, инчунин аҳамияти захираҳои об барои ноил шудан ба рушди устувор масъалаи обро дар рӯзномаи ҷаҳонӣ фаъолона ва пайваста пеш мебарад. Унсурҳои асосии сиёсати байналмилалии оби Тоҷикистон ташаббусҳои глобалии мамлакат дар соҳаи об мебошанд, ки аз ҷониби СММ ва кишварҳои ҷаҳон пазируфта шудаанд.

Дар ҷаласа, ҳамчунин, муовини раиси Кумитаи ҳамоҳангсозии Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарлумонӣ Илҳом Амонзода ва муовини роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Искандаршо Каримзода иштирок намуданд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# АҲАМИЯТИ АСАРҲОИ ВАТАНДӮСТОНАИ АЙНӢ ДАР ЗАМОНИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

*Душман агар дод адолат ба бод,*
*Урдуи мо урдуи адл асту дод.*
С. Айнӣ

Олмони фашистӣ 22-юми июни соли 1941 аҳдшиканона ба кишвари мо ҳуҷум кард. Мардуми мо аз нахустин рӯзҳои ҷанг ба мудофиаи Ватан бархостанд ва зери шиори «Кори мо ҳақ аст, душман торумор карда мешавад. Ғалаба бо мост!» ба фаъолият пардохтанд. Халқи шуравӣ, чӣ дар фронт ва чӣ ақибгоҳ, қаҳрамонию далерию меҳнатдӯстӣ нишон медоданд. Ҳамин буд, ки аз ин имтиҳони сахт сарбаландона ба бошарафона гузашта, пирӯзӣ ба даст оварданд. Тоҷикон низ мисли халқҳои дигари шӯравӣ дар торумор намудани фашистон ҳисса гузошта, садоқат ва муҳаббати худро нисбат ба Ватан нишон доданд. 54 нафар бо унвони Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ мушарраф гардида, 13997 нафар бо ордену медалҳо мукофотонида шуданд. Дар ақибгоҳ низ барои фронт ва ғалаба меҳнат мекарданд, барои сарбозон хӯрокворӣ ва либос мефиристоданд.

Ин муддат адибони тоҷик, дар фронт ва ақибгоҳ, ҳам бо яроқ ва ҳам бо қалам мубориза бурданд, корнамоиҳои фарзандони далери тоҷикро дар осорашон ситоиш менамуданд. Мавзӯи мудофиаи Ватан дар ин давра калидӣ маҳсуб мешуд. Адибон тавассути қалам ва эҷоди асарҳои баланди ғоявӣ ҷанговаронро ба корнамоӣ, ҷоннисорӣ даъват менамуданд ва дар тарғиби рӯҳияи ватандӯстии халқи шӯравӣ саҳми шоиста мегузоштанд. Ҳабиб Юсуфӣ, Сотим Улуғзода, Абдушукур Пирмуҳаммадзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Боқӣ Раҳимзода, Ҳаким Карим дар ҷабҳа зидди фашистон меҷангиданд. Лутфулло Бузургзода, Ҳаким Карим, Абдушукур Пирмуҳаммадзода ва Ҳабиб Юсуфӣ қаҳрамонона дар ҷанг ҳалок гардиданд.

Замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, пеш аз ҳама, назм инкишоф ёфт. Шоирон дар ашъори худ ба тасвири қаҳрамонии ҷанговарон пардохта, азму иродаи қавии онҳоро баҳри ғалаба дар осорашон нишон медоданд. Устод Айнӣ аз ҳамин гуна адибон буд. Дар шеърҳояш қаҳрамонию диловарии халқи шӯравиро васф менамуд ва ба ин восита дар баланд бардоштани рӯҳияи ватандӯстонаи ҷанговарон саҳм мегирифт. Хусусан, шеъри «Марши интиқом»-и ӯ, ки бо эҳсоси баланд иншо шудааст, ҷолиби диққат мебошад, зеро он дар қалби хонанда нисбат ба душман нафрат меафрӯхт. Ин шеър моҳи ноябри соли 1941 иншо шуда буд ва дере нагузашта ба яке аз сурудҳои ба интиқом даъваткунанда табдил гардид:

*Эй ҷаҳони башар! Хез, якҷоя хез!*
*Тег бар даст гир! Бо матонат ситез!*
*Хуни ин ваҳшиён беамонона рез,*
*Зарба зан, то шавад ҷисмашон рез-рез!*

*Эй ҷаҳони башар! Эй гурӯҳи аном!*
*Аз фашистони шар интиқом! Интиқом!*

*Дар деҳу шаҳрҳо рафт кушторҳо,*
*Канда шуд гӯрҳо, баста шуд дорҳо.*
*Кушта шуд ҷумла, то пиру беморҳо,*
*Хуни инсон равон шуд чу ҷӯйборҳо.*
*Ҳеҷ ваҳшӣ накард инчунин корҳо,*
*Хукҳо, хирсҳо, гургҳо, морҳо.*

*Эй ҷаҳони башар! Эй гурӯҳи аном!*
*Аз фашистони шарр интиқом! Интиқом!..*

Воқеан, дар бораи фаъолияти хастанопазири илмиву адабии устод Айнӣ, бахусус дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шеъри «Марши интиқом»-и ӯ Абдусалом Деҳотӣ дар мақолаи «Садриддин Айнӣ» чунин менависад: «Асарҳои илмӣ-тадқиқотии Айнӣ дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Фирдавсӣ, Рӯдакӣ, Абӯалӣ Сино, Саъдӣ, Навоӣ, Бедил ва Восифӣ дар соҳаи адабиётшиносии мо мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Аз қалами ӯ танҳо дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ғайр аз як қатор шеър ва очеркҳо, «Исёни Муқаннаъ», «Темурмалик» барин ду асари адабӣ-таърихии муҳим ба вуҷуд омаданд. Хеле характернок аст, ки Айнии куҳансол дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ боз як бори дигар (чун дар соли 1918) бо «Суруди интиқом» ба майдон баромада, инсониятро ба нобуд кардани душмани ашадӣ-фашистони одамхӯр даъват намуд.

*Эй ҷаҳони башар!*
*Эй гурӯҳи аном!*
*Аз фашистони шар*
*интиқом! Интиқом!*

Аммо «Дар айни замон Садриддин Айнӣ таҷрибаи эҷодиеро, ки солҳои аввали баъдиинқилобӣ дар масъалаи офариниши суруд ва маршҳо аз бар карда буд, дар давраи нави таърихӣ давом ва инкишоф медиҳад ва ба ҳамин анъанаи офариниши суруду маршро ба дараҷаи баландтар мебардорад. Дурустии ин фикрро марш-суруди дигари Айнӣ «Суруди Зафар» (сентябри соли 1943) низ тасдиқ мекунад. «Суруди Зафар» дар асоси қонуни маршҳои анъанавии Айнӣ эҷод шуда, дар шакли жанрии мусаммати мураббаи тарҷеъбанд эҷод шудааст. Байти василаи нақарот на танҳо вазифаи суруди оммавиро адо мекунад, балки қуввату қудрати баланди сафарбаркунӣ ҳам дорад, чӣ тавре ки ҳамин гуна вазифаи идеявӣ-тематикӣ ва эмотсионалӣ-сафарбаркуниро нақароти «Марши интиқом» адо мекунад:

*Эй ҷаҳони башар! Эй гурӯҳи аном!*
*Аз фашистони шар интиқом! Интиқом!*

Ҳар ду суруд-марш («Марши интиқом» ва «Суруди Зафар») бо нақарот-байти сафарбаркунӣ оғоз ёфта, ҳар бандашон аз чор мисраъ (дар «Марши интиқом» яке аз бандҳо дар натиҷаи туғёни фикру андеша аз 6 мисраъ) иборат мебошанд ва ба таври аааа, бббб, вввв.. қофия доранд, ки ин таври қофиясозӣ ба рабту низоми дақиқ ва оҳангнокию сурудани шеър ва маршвор тараннум кардани он алоқаманд мебошад. Дар «Суруди Зафар» Айнӣ менависад:

*Меравад пеш, пеш, пеш-*
*Лашкари Сурхи мо дар раҳи хеш!*
*Лашкари Сурхи мо қаҳрамон аст,*
*Дар набарди адӯ беамон аст,*
*Фатҳу фирӯзаш бегумон аст,*
*Гӯиё лови оташфишон аст...».*

Устод Айнӣ шеърҳои «Мо зи Гитлер ниҷори башарият гирем», «Қаҳрамон Ленинград», «Тазмин», «Суруди Зафар», «Полвон», «Ман аз дидорат, эй ёри азизам, шод мегардам», «Ҷаҳон то ҷаҳон аст, гарданда аст» (ин шеър дар очерки адабии «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» дохил шудааст), «Тоҷикистон», «Қасидаи ҷанг ва зафар»-ро дар солҳои гуногуни Ҷанги Бузурги Ватанӣ сурудааст.

Онҳо ҷанбаи қавии ватандӯстона доранд ва бо маҳорати баланд иншо шудаанд. Мо аз ин шеърҳо муҳаббати устод Айниро нисбат ба Модар-Ватан баръало мушоҳида менамоем. Албатта, онҳо аз рӯҳияи баланди тарғиботию ташвиқотӣ, ки замони ҷанг аз адибон талаб мекард, бархӯрдоранд.

Зимнан, устод Айнӣ баъд аз инқилоб дар шеъри «Марши ҳуррият» барои аввалин бор мавзӯи интиқомро дар адабиёти мо корбаст намуд ва ин мавзӯъ пасон, бахусус дар солҳои ҷанг ба яке аз мавзӯъҳои марказии осори адибони мо табдил ёфт ва дар онҳо парвариши эҳсоси нафрат, қасос, яъне интиқом аз душман дар мақоми аввал қарор гирифт. Беҳуда нест, ки шеърҳои аксари адибон дар ҳамин рӯҳия навишта шудаанд. Махсусан Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Ҳабиб Юсуфӣ шеърҳояшонро чун «Марши интиқом»-и Айнӣ «Интиқом» унвон мондаанд, зеро ба қавли Деҳотӣ:

*Имрӯз, ки рӯзи интиқом аст,*
*Сустӣ ба шумову мо ҳаром аст.*
*Аз баҳри ин аҷдаҳои хунхӯр*
*Дар хоки худаш канем мо гӯр.*

Насри бадеӣ дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар баробари назм, бо ҳаводиси замон ҳамовоз гардид. Хусусан жанрҳои хурд, аз ҷумла очерк, ҳикоя, фелетон, новелла, мақолаҳои публитсистӣ, нақши муҳим ба ҳалқунанда пайдо намуданд. Аммо дар ин давра бештар очерк ва публитсистика тараққӣ карданд. Нависандагон дар очеркҳояшон ҳам дар бораи қаҳрамонони гузаштаи миллат ва ҳамзамони ҷанг асар менавиштанд. Ба ҳарфи дигар, ҳам очеркҳои таърихӣ, ҳам очеркҳо дар бораи қаҳрамонони майдони ҷанг баробар инкишоф меёфт... «Исёни Муқаннаъ» ва «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» аз очеркҳои муҳими замони ҷанг ба ҳисоб мераванд. Устод Айнӣ дар онҳо аз муборизаи қаҳрамонони халқи тоҷик дар замони гузашта зидди аҷнабиён нақл менамояд. Агар устод Айнӣ дар очерки «Исёни Муқаннаъ» аз ҷониби араб истило шудани Ватан ва корнамоии Муқаннаъро (асри VII) ба қалам дода бошад, дар очерки «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» (асри XIII) аз истилои муғул ва муборизаи Темурмалик бар зидди муғулон қисса менамояд. Айнӣ дар очерки «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» аввал дар бораи аҳволи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маданӣ, маишати Муҳаммад Хоразмшоҳ ва кишвардории вай қабл аз ҳуҷуми Чингизхон ба ин сарзаминҳо маълумот дода, махсусан аз хиёнати Муҳаммади Хоразмшоҳ бо нафрату истеҳзо ва аз давлатдориҳои писараш бо ҳаяҷон ва ҳисси ифтихор ёд менамояд. Ба қавли ӯ: «Султон Муҳаммад ҳамеша монанди як мағрури худписанд лоф аз шуҷоат ва қаҳрамонӣ мезад. Аммо, агар мо шуҷоати шахсии ӯро бо мақоли тоҷикӣ ифода кунем, «хонашери майдонғариб» буд... Султон Муҳаммад, ки дар биёбон Тӯқтағанро ҷустуҷӯ мекард ба қатлгоҳе расид, ки ӯро бо тамоми нукаронаш Ҷуҷӣ кушта будааст ва дар миён султон ба Ҷуҷӣ рост омада, дар байнашон ҷанг воқеъ шуд. Муғулон ба лашкари султон, ки худаш ҳам он ҷо буд, ҳуҷум оварда, аскарони ӯро кушта пароканда карданд ва қариб буд султон дастгир шавад. Дар ҳамин вақт писараш Ҷалолиддин, ки ҳақиқатан як муҷассамаи шуҷоат буд, аз дасти рост ба мадади падар расида, ӯро аз он таҳлука раҳоӣ дод. Ҷалолиддин мардонагӣ ба кор бурд. Ҷанг то шаб давом кард. Шабона муғулон ба тарафи урдуи Чингиз рафтанд ва Султон ба Самарқанд бозгашт. Аввалин ва охирин маъракае, ки Султон Муҳаммад шахсан бо Чингизиён рӯ ба рӯ шуда ҷангид, ҳамин маъракаи тасодуфӣ буд. Ӯ дар ин ҷанг на танҳо дили худро бой дод, ҳатто лоф ва ғурурҳои забониашро ҳам якбора тарк карда, рӯирост дар паи гурез афтод. Мегурехту сардорони хос ва писари далери худ Ҷалолиддинро ҳам ба гурехтан ташвиқ ва далолат мекард». Аммо устод Айнӣ, баръакси маълумоти боло, дар бораи азму иродаи қавии ҳокими Хуҷанд - Темурмалик, ки ба дифои Ватан, шарафу нангу номуси инсонию миллии хеш бархоста буд, ба хонанда чунин иттилоъ медиҳад: «Шаҳри Хуҷанд (Ленинободи имрӯза) монанди чандин шаҳрҳо ва районҳои дигари Мовароуннаҳр ва Хуросон дар ҳуҷуми Чингиз ба ҳоли худ гузошта шуда буд... Аҳолии он ҷо ҳам монанди аҳолии дигар ҷойҳои мамлакати султон ба дасти тақдир супурда шуда буданд. Маслиҳате ҳам, ки аз тарафи султон ба онҳо дода шуда буд, ҳамон «маслиҳат» буд, ки ӯ дар вақти гурези худ ба аҳолии сари роҳ дода буд. Ин «маслиҳат» ҳамин буд, ки мегуфт: «...чораи кори худ созед ва барои худ гурезгоҳе ба даст оваред, то аз ҷанги ҳаводис ва навойиб эмин бошед!» ё чунонки ба аҳолии Марв кард, фармон медод, ки «агар гурехта натавонед, таслим шавед!». Аммо ҳокими Хуҷанд - қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик ба ин гуна «маслиҳат» ва фармонҳои хоинона гӯш надод ва вақте ҳаракати Чингизи хунрезро ба тарафи Мовароуннаҳр шунид, дар пайи мудофиаи Ватан афтод. Темурмалик аз аввал медонист, ки душмани хунхори пурзӯр - Чингизро Хуҷанд ба танҳоӣ шикаст дода наметавонад. Лекин эҳсоси ватандӯстӣ ӯро маҷбур мекард, то дар бадан ҷон ва аз ҷон рамақе дорад, вазифаи аз тарафи Ватан ба гарданаш вогузоштаро адо намояд, то дар пеши модари азиз - Ватан хоин ба шумор наравад ва дар таърих номи ӯ бо лаънату нафрин ёд нашавад. Ӯ ин нуктаро хуб медонист, ки агар Ватан аз даст рафта поймоли суми аспони душман шавад, ӯ зинда намемонад ва агар зинда монад ҳам, қаҳрамонона дар мудофиаи Ватан кушта шудан ҳазор бор аз зиндагии асирона ва беномусона беҳтар аст. Бинобар ин, қарор дод ба ҳар роҳе, ки бошад, ба қадри имкон дар мудофиаи Ватан кӯшиш намояд».

Зимнан, бояд гуфт, ки устод Айнӣ ҳамчун адиби нобиға ва равоншинос барои барҷаста нишон додани воқеаҳо, рӯҳи қаҳрамонони асараш ва парвариши эҳсоси рӯҳияи ватандӯстонаи хонандагон аз шеър, ки бузургтарин сармояи миллати мост, дар ин асари худ хеле моҳирона истифода менамояд. Шеърҳое, ки дар ин замина аз адибон (Фирдавсӣ, Хоқонӣ ва дигарон), бахусус аз худ меорад, имрӯз низ аҳамияти худро аз даст надодаанд. Аз онҳо ҷавонони мо дарси ибрат, ҷасорат, далерӣ, меҳандӯстӣ мегиранд ва барои ҳифзи Ватан - Модар омода мешаванд:

*Пароканда лашкар наёяд ба кор,*
*Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор.*

***

*Бимирем чун кому ноком мо,*
*Ҳамон беҳ, ки мирем бо ном мо.*

***

*Манеҳ дар миён роз бо ҳар касе,*
*Ки ҷосус ҳамкоса дидам басе.*

***

*Атри кафан зи хоки Ватан кардам орзу,*
*Воҳасрато, ки мебарам ин орзу ба хок.*

Лозим ба ёдоварист муаллифони китоби «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» ба ин очерки устод Айнӣ, ки аз даврони истилои муғул ва қаҳрамонии Темурмалик қисса менамояд, баҳои баланд дода, як асари нав ва тоза арзёбӣ кардаанд: «Садриддин Айнӣ дар ин очерк ҳам? аз бисёр материалҳои таърихӣ истифода бурда, манзараи ҳаёти халқи тоҷикро дар давраи истилои муғулҳо бисёр равшан ва таъсирбахш инъикос намудааст. Ин мавзӯъ пеш аз ин ҳам диққати дигар нависандагони шӯравиро ба худ ҷалб карда буд. Дар романи В. Г. Ян «Чингизхон» ба тасвири корнамоии Темурмалик аҳамияти махсус дода шудааст. Аммо устод Айнӣ дар асараш образи Темурмаликро ба тарзи дигар нишон дода, хусусияти асосии қаҳрамони худро, ки яке ватандӯстӣ, дигаре ҷасорат ва истеъдоди лашкаркашӣ мебошад, дар маркази диққат гузоштааст. Шуҷоат ва далерӣ, зиракӣ ва ботадбирии Темурмалик, ки дар муборизаи бар зидди душман равшан намоён мегардид, бо ҳаяҷони баланде тасвир ёфтааст. Дар образи Темурмалик қаҳрамонӣ ва фидокорӣ дар роҳи мудофиаи Ватан чун беҳтарин аломати шарафи инсонӣ талқин мешавад. Муҳаббати обу хоки Ватан ҷасорати Темурмаликро пурра ва истеъдоди ӯро бурро кардааст. Вақте ки вай аз Хуҷанд баромада мерафт, «худ ба худ» ба ин мазмун месуруд:

*Меравам з-ин шаҳру дар дил дарди ёре мебарам,*
*Дарди ёре аз диёре бар диёре мебарам.*

Ин гуна рӯҳияи ватанпарварӣ ҷанговарони ӯро дар мубориза бар зидди истилогарони Чингиз ба ғайрат меовард. Як гурӯҳ ҷанговарони Темурмалик ба ҷанги душмани сершумор даромада, ин гуна суханони ибратбахшро вирди забон мекарданд:

*Ба номи наку кушта гаштан ба ҷанг,*
*Беҳ аз зиндагонии бо айбу нанг.*

Тамоми очерки «Темурмалик» бо ҳиссиёти баланди ватандӯстӣ, бо эҳтироси пурҷӯш нафрат нисбат ба истилогарони ваҳшӣ навишта шуда, дили хонандаро низ нисбат ба Олмони фашистӣ бо оташи ғазаб ва нафрат шӯълавар мекард».

Устод Айнӣ дар очерки таърихии «Исёни Муқаннаъ» замони истилои араб ва муборизаи қаҳрамононаи халқи тоҷик, хусусан Муқаннаъро ба қалам дода, мисли очерки «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» дар боби якум, ибтидо дар хусуси вазъи ҷамъиятӣ, сиёсати Хуросону Мовароуннаҳр, ҳуҷуми арабҳо, шӯришҳову исёнҳои Язак, Гурак, Абӯмуслим, Сунбоду дигарон, дар бобҳои минбаъда, дар бораи Муқаннаъ ва муборизаи қаҳрамононаи ӯ бар зидди истилогарони араб маълумоти пурарзиш медиҳад. Ӯ Муқаннаъро идомадиҳандаи роҳи Абӯмуслим дониста, мақсади асосии онҳоро аз муборизаи зидди аҷнабиён озод кардани Ватан, ба даст овардани истиқлолият ва ташкили як давлати мустақили миллӣ медонад. Менависад: «Чунонки мақсади охирини Абӯмуслим таъсиси як ҳукумати миллӣ дар Хуросон, Мовароуннаҳр ва вилоятҳои умумии форсизабонон буд, Муқаннаъ ҳам ҳамин мақсадро дар пеши назар дошт...». Мутаассифона, орзуҳои Абӯмуслиму Муқаннаъ бо сабабҳои айнӣ, ҷомаи амал намепӯшанд ва шӯришҳои онҳо бераҳмона пахш мешаванд, аммо ба қавли устод Айнӣ «натиҷаи аввалини исёни Муқаннаъ ҳамин шуд, ки тухми умеди истиқлоли миллиро дар дили мардуми Хуросон кишт ва онҳоро ба ҳамин омӯхт, ки фурсати муносибе ёбанд ва баҳонае ба даст дароранд, ба муқобили арабҳои истилогар хурӯҷ намоянд ва дар роҳи ба даст даровардани истиқлоли миллӣ ҷангу ҷидол кунанд...».

Дар ҳақиқат, ҳамин муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр, бахусус қаҳрамононе чун Абӯмуслиму Муқаннаъ, Яҳёи Бармакӣ ва дигарон буд, ки тоҷикон - форсҳо охируламр ба ташкили давлатҳои нисбатан мустақили миллӣ, аз ҷумла Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён, даст ёфтанд. Дар ин бора устод Айнӣ дар боби V очерки «Исёни Муқаннаъ», ки «Натиҷаҳои исёни Муқаннаъ» ном дорад, чунин менависад: «Фарзандони Асад бинни Сомон ва авлоди онҳо дар андак вақт бо кордонӣ, халқпарварӣ ва маданиятдӯстии худ дар байни аҳолии Хуросон ва Мовароуннаҳр обрӯю эътибори бисёр калон пайдо карданд. Маданияти миллӣ ва забони миллиро ривоҷ доданд ва дар охир дар Мовароуннаҳр, Хуросон ва Эрон давлати миллии мустақили Сомониёнро барпо намуданд, ки марказаш Бухоро буд. Ин буд натиҷаи охирин ва ба назар намоёни таърихии исёни Муқаннаъ, ки мақсади охирини Абӯмуслими Хуросонӣ ҳам ҳамин истиқлоли миллӣ буд».

Дар бораи аҳамияти ин ду очерки таърихии устод Айнӣ дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ донишмандон суханони зиёд ва пурарзиш гуфтаанд, ки ёдоварӣ аз онҳо дар ин маврид бесуд нахоҳад буд. Масалан, Соҳиб Табаров дар мақолаи «Адабиёти тоҷик дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ» чунин менависад: «Дар адабиёти давраи Ҷанги Бузурги Ватании тоҷик муроҷиат ба мавзӯъҳои таърихӣ ва гузаштаи революционии халқи тоҷик бисёр ба назар мерасад. Нависандагони тоҷик мақолаҳои публитсистӣ, очерк ва повестҳои таърихӣ эҷод намуда, ба воситаи онҳо муборизаи дурударози таърихии халқи тоҷикро бар зидди ғосибону истилогарони хориҷӣ-аҷнабиён ҳаққонӣ ва конкретӣ нишон медиҳанд. Ба воситаи тасвири ин гуна воқеаҳои таърихии гузаштаи халқи тоҷик ва дигар халқҳо нависандагон меҳнаткашон ва Армияи Советиро ба мубориза муқобили истилогарону аҷнабиёни ғоратгари давраи нав-фашистони Германия даъват ва сафарбар мекарданд. Намунаи ин гуна асарҳои бадеӣ, ки оид ба мавзӯъҳои гузаштаи таърихии халқи тоҷиканд, очеркҳои адабӣ-таърихии Садриддин Айнӣ ҳисоб меёбанд. Нависанда ҳам дар очерки таърихии дар бораи исёни Муқаннаъ ва ҳам очерки таърихӣ-бадеии ба Темурмалик бахшидаи худ кӯшиш кардааст, ки симои ин ду аҷдоди баҳодури гузаштаи халқи тоҷикро акс намуда, бо ҳамин Армияи Сурх ва халқи советиро ба мубориза бар зидди фашистони немис даъват кунад. «Исёни Муқаннаъ» (соли 1944) ва «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» (соли 1944) солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар байни хонандагони советӣ муваффақияти калон пайдо карданд, чунки онҳо барои болобардории рӯҳияи ватандӯстии халқҳои СССР ба муқобили истилогарони фашистӣ вазифаи аслиҳаи бурроиҷангиро адо мекарданд».

Устод Айнӣ дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба ҷуз ин очеркҳо боз як қатор ҳикояву асарҳои ҳаҷвӣ, фелетон ва мақолаҳои публитсистӣ низ менависад. Ӯ симои манфуру кирдори разилонаи фашистони немисро фош намуда, дар парвариши рӯҳи ватандӯстию сафарбар кардани ҷанговарон ба фронт ва фидокорию заҳмат дар ақибгоҳ ҳиссаи сазовор мегузорад. Мисли «Фонди мудофиаро табрик мекунам», «Чингизи асри XX», «Деви ҳафтсар», «Шерзод», «Талвосаи ҷонкании даррандаи захмдор», «Ҳар зараррасонандаи ба одамро нест кардан даркор аст», «Илҳомгоҳи фикрҳои олӣ ва бошишгоҳи озодидӯстон», «Модар-Ватан», «Бисту панҷ сол», «Бадбӯй будааст», «Хари бедум» ва ғайра, ки аз беҳтарин намунаҳои осори замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба ҳисоб мераванд, аз қалами устод Айнӣ таровидаанд. Ин асарҳо, ки аз корнамоиҳои халқи шӯравӣ дар фронт ва ақибгоҳ нақл менамоянд ва рӯҳи тарғиботӣ доранд, аҳамияти худро то ҳол нигаҳ медоранд. Хонандагон аз онҳо доир ба корнамоиҳои мардуми шӯравӣ дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ огоҳ мешаванд, ҳисси ватандӯстии онҳо боло меравад. Мутолиаи онҳо барои ба халқи худ, Ватани худ содиқона хизмат кардан, дӯст доштани он ба эшон ёрӣ мерасонад. Барои мисол мақолаи «Модар-Ватан», ки соли 1942 навишта шудааст ва аз шоҳкориҳои адабиёти мост, ҳаргиз аҳамияти худро аз даст намедиҳад, зеро он ба васфи Модар-Ватан бахшида шудааст ва барои тамоми замонҳо, хусусан баҳри парвариши рӯҳи миллии ҷавонони тоҷик, донистани қадри Ватан, хидмати бошарафона ба Модар-Ватан, маводи судманд медиҳад. Порае аз онро иқтибос меорем: «Модар-Ватан. Ин ду чиз бо ҳамдигар сахт вобаста буда, ба одам аз ҳама чиз азизтар ва наздиктаранд. Мо дар ин ҷо аз ҳама пештар дар бораи сабаби ба одам маҳбуб ва азиз будани модар як-ду калима гап мезанем. Одам сараввал дар бачадони модар пайдо мешавад, тарбияи ибтидоии худро аз организми дарунии модар мегирад. Ин ҳодиса ҳаминро нишон медиҳад, ки ватани аввалини фарзанди одам шиками модар будааст. Фарзанди одам баъд аз зоида шудан ҳам истироҳатгоҳи якуми худро аз синаи модар меёбад, дӯстдорӣ ва дилҷӯиро аввалин бор аз тарафи модар мебинад ва тарбияи аввалини худро аз ӯ мегирад.



Ин ҳодиса ҳаминро нишон медиҳад, ки дар аввали пайдоиши фарзанди одам ватани якуми ӯ оғӯши модар ва тарбиятгари якуми ӯ модар будааст... Барои ҳамин одам модари худро аз ҳама чиз ва кас зиёдтар дӯст медорад ва ӯро ба худ аз ҳама чиз наздиктар ва азизтар мебинад... Ин алоқае ки дар миёни фарзанди одам ва модари ӯ тасвир карда шуд, дар байни ӯ ва Ватани ӯ боз ҳам васеътар, пурратар ва мустаҳкамтар аст: чунки агар модар фарзанди худро дар шиками худ 9 моҳ ва баъд аз зоиданаш дар пеши худ 4-5 сол тарбия мекарда бошад, Ватан фарзанди худро якумр, аз рӯзи пайдо шуданаш то мурданаш, тарбия мекунад... Фарзанди одам баъд аз гузаронидани воситагии модар баъд аз гузаронидани айёми хурдсолӣ ҳама тарбияи худро аз Ватан мегирад, ӯ дар он ҷо зиндагонӣ мекунад, озодона мегардад, кор мекунад, дар он ҷо ва аз манбаъҳои маишати вай худро ва наздикони худро сер мекунад, мехонад, фарзандони худро мехононад, ҳунар меомӯзад, хулоса, ҳамаи осудагӣ, озодӣ ва шарафи худро дар ватани худ, аз ватани худ меёбад. Бесабаб нест, ки мегӯянд: «Ҳар кас дар Ватани худ подшоҳ аст!». Фарзанди одам, ба сабаби он ки ҳамаи муродаш ва озодиаш дар Ватани худаш ҳосил аст, худро на танҳо шаҳрвандии одии ватан, балки подшоҳи вай медонад, чунки вай подшоҳвор озодона зиндагӣ мекунад. Ватан ҳам монанди модар аз фарзанди худ дар муқобили он тарбияҳое, ки ӯро кардааст ва муносиби он ёриҳое, ки ба ӯ расондааст, дар ҳаққи худ ҳимоят, хидмат ва фармонбардорӣ талаб мекунад. Ба ин сабаб ҳар фарзандони одам, ки сифати инсонии худро барҳам надодааст, ватани худро монанди модари худ, ҳатто аз вай ҳам зиёдтар дӯст медорад, ӯро ҳимоят ва мудофиа мекунад ва ба ӯ хидмат менамояд ва дар роҳи ӯ аз фидо кардани ҷони худ ҳам бознамеистад... Ба ин сабаб ҳар як одаме, ки дуруст фикр мекунад, медонад, ки Ватан модари ӯст, Ватан хеш ва табори ӯст, Ватан зан, фарзанд, ҳамшира ва хоҳари ӯст, Ватан шараф ва номуси ӯст, Ватан ҳама чизи ӯ ва ҳаёти ӯст!».

Хулоса, асарҳое, ки устод дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ эҷод кардааст, дорои аҳамияти таърихӣ буда, барои рӯҳбаланд кардани халқи шӯравӣ, бахусус ҷанговарон ва омма, чӣ дар фронт, чӣ дар ақибгоҳ, хидмати бузург кардаанд. Устод Айнӣ дар ин асарҳояш халқи шӯравиро ба дифои Ватан, ҷасорату мардонагӣ, ситондани интиқом аз душман фаро хонда, бовариро ба ғалаба дар дили эшон меафзояд. Дигар, ҷанги мо ҷанги адолатхона буд, аз ин рӯ, халқи шӯравӣ барои дифои халқу Ватани хеш ҷони худро дареғ намедоштанд, корнамоиҳои бемислу монанд нишон медоданд, зеро масъалаи ҳаёт ва мамот дар миён буд, тақдири халқи шӯравӣ ва кишвари бузурги онҳо ҳал мешуд. Халқ бояд сина сипар мекард, барои ҳифзи он кору пайкор менамуд, то Ватанро аз фашистони истилогар озод созад. Албатта, ин амри Ватанро халқи шӯравӣ бошарафона ба ҷо оварда, на танҳо бар фашизм пирӯз шуд, балки як қатор халқҳои дигарро низ аз зулми фашизм озод сохт. Бинобар ин, мо корнамоиҳои эшонро ҳаргиз фаромӯш намекунем, балки аз онҳо дарси садоқат, вафодорӣ ва хидмат ба Ватанро меомӯзем. Дар ин роҳ асарҳои безаволи устод, Айнӣ ки дар замони ҷанг навиштаанд, ба мо рӯҳ ва илҳом мебахшанд. Монанди «Қасидаи ҷанг ва зафар»-и ӯ:

*Гитлер, ки баровард дувум ҷанги ҷаҳонро,*
*Мехост кунад бандаи худ оламиёнро.*
*Аз баҳри бадастории ин қасди хаёлӣ,*
*Сар дод ба ҳар сӯйи ҷаҳон хайли дадонро.*
*З-ин ҷумла фиристод ба гулзори саветӣ,*
*Дуздона, ба ногаҳ ҳама девонсаронро.*
*Ҳайвонсифат-он тӯдаи хунхори фашистӣ,*
*Поймол намуданд чаманрову чамонро.*
*Таҳқир намуданд ба ҳар ҷо маданийят,*
*Карданд хароба ҳама обод маконро...*
*Еврупа ба ин даҳшату ин таҳлука тан дод,*
*Азбаски фашистон бихариданд саронро.*
*Аммо ба диёри шарафосори саветӣ,*
*Ҳаргиз натавон ёфт чунин бешарафонро.*
*Ин бешаи шерони қавишаъни далер аст,*
*Ин ҷо набувад ҷой ба ҷуз шери жаёнро...*
*Истолини аъзам ба ҳамин халқи муаззам,*
*Фармуд: «Бигиред ба каф тегу синонро...*
*Бо даъвати пурнусрати сарлашкари олӣ*
*Бастанд ҳама мардуми мо сахт миёнро.*
*Бар зидди адӯ яктану якҷон шуда, оре,*
*Кас ҳеҷ зи ҳам дур надида тану ҷонро...*
*Бигрехт адӯ аз дами мо оқибат, оре,*
*Кастоб наоварда дами фили дамонро...*
*Дунбола гирифт Армияи Сурхи зафарёб*
*Аз хасми данӣ маҳвкунон хурду калонро,..*
*Он лонаи ваҳшонияту зулм фурӯ рехт,*
*Бигзошт зи худ хотираи зишти ҷаҳонро...*
*Бечунучаро гардани таслим бидоданд,*
*Дар пеши ҷаҳон армияи фатҳнишонро.*
*Чун армияи фатҳнишон-Армияи Сурх*
*Афрохт ба олам алами амну амонро,..*
*Аз баҳри бақайдории таърихи чунин фатҳ*
*Айнӣ ба сар оварда ба ин байт баёнро:*
*Овозаи фатҳу зафари пурраи мо бин,*
*Бигрифт ба таърихи ҷаҳон рӯйи ҷаҳонро.*

**Ҷамолиддин САИДЗОДА**

**(Идома аз саҳ. 1)**

# ДАР БОРАИ АЛОҚАИ БАРҚӢ ҚОНУН ҚАБУЛ ШУД

Инчунин, ширкатҳое, ки ба тақсими ин намуди алоқаи барқӣ машғуланд, бо иҷозатнома таъмин шудаанд. Марказҳои хизматрасонии харидуфурӯши симкортҳои алоқаи мобилӣ зиёд гардида, барои баланд бардоштани суръати интернети мобилӣ якчанд нақша - чорабиниҳои кӯтоҳмуҳлату миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат тартиб дода, дар семоҳаи аввал аз ҷониби ширкатҳо дастгоҳҳои нав ворид шудааст. Дар шаҳри Душанбе зиёда аз 42 дастгоҳи базавии типи нав насбу васл ва ба кор супорида шуда, зиёда аз 100 истгоҳи базавӣ аз нав таъмир гардида, ин кор ҷараён дорад.

**РАИС: -** Боз кӣ савол дорад?

Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуҳалим Ғаффорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Абдуҳалим ҒАФФОРЗОДА:** - Мо ҳукумати электронӣ мегӯем, аммо банкоматҳо дар кишвари мо ба талабот ҷавобгӯ буда наметавонад. Рӯ ба офтоб насб шуда, кор кардан душвор аст. Сабаб дар чист?

Дувум, ҳангоми занг задан ба марказҳои хизматрасонии ширкатҳои мобилӣ вақти зиёд сарф мешавад, аммо бо оператор суҳбат накарда, алоқа қатъ мешавад. Чаро?

**Илҳом АТОЕВ:** - Мо кӯшиш мекунем бо Бонки миллӣ ва дигар мақомоти марбута дар масъалаи банкоматҳо ҳамкорӣ намуда, мушкилотро бартараф намоем. Масъалаи робита бо марказҳои хизматрасонӣ бисёр муҳим аст ва мо иловатан дар назди Хадамоти алоқа маркази боварӣ бо рақами 221009 таъсис додем. Ин масъаларо боз баррасӣ хоҳем кард.

**РАИС: -** Боз кӣ савол дорад?

Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гавҳар Шарофзода дода мешавад. Марҳамат.

**Гавҳар ШАРОФЗОДА: -** Мутаассифона, дар маркази шаҳр сифати алоқа бисёр паст аст. Хусусан онҳое, ки дар хориҷ ҳастанд, мехоҳанд тавассути мессенҷер суҳбат кунанд, аммо дар мо суръат ва сифати интернет паст аст. Шумо гуфтед, ки дастгоҳҳои нав ворид кардед. Онҳо насб шудаанд ё не?

**Илҳом АТОЕВ: -** Бале, дар ҳудуди шаҳри Душанбе 42 дастгоҳ насб гардидааст, вале кам аст. Шумо суҳбат ба воситаи мессенҷерҳоро дар назар доред, ки ҳангоми набудани истгоҳи базавӣ дар мавқеи техникӣ сифати алоқаи мобилӣ паст мешавад. Дар сурати муроҷиат комиссияи техникӣ камбудиро бартараф менамояд.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон саволи дигар ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Маҳмудзода Музаффарҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Музаффарҷон МАҲМУДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» дар партави Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 - юми декабри соли 2022 бо мақсади таъмини амнияти иттилоотӣ, рушди соҳа, пешгирии таҳдидҳои нав ва мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ бо истифода аз шабакаҳои алоқаи барқӣ, бо дарназардошти истифодабарии имкониятҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар идоракунии давлатӣ, ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ ва қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавӣ аз ҷониби Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.



Бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса ва ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуд. Лоиҳаи қонуни мазкур аз 5 боб ва 37 модда иборат буда, муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи алоқаи барқӣ танзим ва кафолати дастрасӣ ба ҳама намудҳои хизматрасонии алоқаи барқӣ, ҷорӣ намудани шаклҳои нави хизматрасонӣ, таъмини мутобиқати шабакаҳои алоқаи барқӣ бо шабакаҳои байналмилалии алоқаи барқӣ ва ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатиро васеъ менамояд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои мукаммалсозии он чанд таклиф пешниҳод намуданд ва аз 34 таклиф 21 таклиф қабул, 3-то қисман қабул ва 10 таклиф қабул нагардид. Тағйироти пешниҳодшуда лоиҳаи қонунро мукаммал намуда, онро ба дигар санадҳои қонунгузорӣ мутобиқ месозад.

Лоиҳаи қонуни мазкур тамоми расмиёти дохилиро гузашта, ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои қонунгузорӣ, инчунин ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф намудааст, мутобиқ мебошад ва қабули он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи қонуни мазкур мукаммал аст, мутобиқи банди 337 Дастури Маҷлиси намояндагон боб ба боб ва модда ба модда баррасӣ шавад ё яклухт қабул карда шавад?

Пешниҳод аст, ки яклухт қабул карда шавад.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» яклухт ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Шарифзода Ғиёсиддин дода мешавад. Марҳамат.

**Ғиёсиддин ШАРИФЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон», ки мутобиқи моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Д.С. Мансурӣ, П. Маликзод ва П. Шодизода дар заминаи Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Тағйиру иловаҳо асосан ба моддаҳои 1, 2, 3, 4, 5, 6, 9, 11, 15 ва 20-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» дохил карда шуда, ба такмили қонун ва раванди рушди низоми қонунгузории кишвар мусоидат менамояд. Дар моддаи 1, мафҳумҳои таҳсилоти махсус, барномаи таълимии модулӣ, баҳодиҳӣ, модули таълимӣ илова гардида, мафҳуми муассисаҳои таҳсилоти калонсолон мукаммал шудааст.

Баъди баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон», кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои такмили он 66 таклиф пешниҳод намуданд, ки 38 таклиф қабул, 3 таклиф қисман қабул ва 25 - тои он қабул нагардид.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 33 ва 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» моддаҳои дигари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мутобиқ буда, аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб наменамояд. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ализода Алишер Ҳикматулло дода мешавад. Марҳамат.

**Алишер АЛИЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» мутобиқи моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мансурӣ Дилрабо Сайдулло, Маликзод Парвина Иноятулло ва Шодизода Парвиз Шодибой барои мутобиқ намудани меъёрҳои қонуни амалкунанда ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузорӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи таҳиягардида хусусияти мутобиқгардонӣ дошта, бо мақсади бартараф намудани норасоиҳои ҷойдошта, риояи имло, истифодаи истилоҳу ибораҳо бо назардошти услуби ягона ва бо мақсади мукаммал гардонидани моддаҳои қонуни амалкунанда ва бо талаботи техникаи қонунгузорӣ мутобиқ гардонидан пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надошта, аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» -ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Гулаҳмадзода Зулфиқор дода мешавад. Марҳамат.

**Зулфиқор ГУЛАҲМАДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Латифзода, Мирзоанвар Ахмедов, Зоир Раҳмонзода ва Зулфиқор Гулаҳмадзода таҳия ва пешниҳод гардидааст. Мақсад аз пешниҳоди лоиҳаи қонуни мазкур мушаххас гардонидани як қатор меъёр, мафҳум ва истилоҳу ибораҳои дар қонуни амалкунанда истифодашаванда ба талаботи қонунгузории навини Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар лоиҳаи қонуни мазкур мафҳуми нав «ҳифзи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» илова ва мафҳуми «сайёҳии экологӣ» дар таҳрири нав пешниҳод шудааст. Тибқи талаботи моддаҳои 8, 40 ва 83 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», калима ва ибораҳои «табиии солимгардонӣ», «нодир, нобудшаванда ё зери хатари», «осоишӣ, табобатию», «биосфера», «системаҳои», «сайёҳӣ», «ва ё низоми ба мақсадҳои ҳифзи табиат танзимшавандаи истифодаи замин»



дар тамоми матни қонун дар як шакл, мутобиқ ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» ва «Дар бораи сайёҳӣ» ифода шудааст. Қисми 1 моддаи 17, қисми муқаддимавии моддаи 20, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 26 ба назардошти талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав ифода гардида, матни моддаҳои мазкур мушаххас шудааст.

Ҳамчунин, ибораҳои «захираи заминҳо», «аҳолии таҳҷоии», «фонди табиӣ», «муқаррарнамудаи минтақаҳо» бо як маъно мутобиқ ба истилоҳоти санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд.

Лоиҳа расмиёти дохилиро дар асоси талаботи Дастури Маҷлиси намояндагон гузашта, дар мувофиқа бо субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз 50 таклифи пешниҳодкардаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 37 таклиф қабул, 4 таклиф қисман қабул ва 9 таклиф қабул нагардид.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба талаботи моддаҳои 13 ва 59 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад.

Бо эҳтиром хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавлодод Абдулқодир Мавлодод дода мешавад. Марҳамат.

**Абдулқодир МАВЛОДОД:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда бо мақсади таъмини устувории мувозинати биологии табиат, ҳифзу нигоҳдории оламй ҳайвоноту набототи нодир, экосистемаҳои хоси табиӣ, мониторинги биологӣ, ёдгориҳои табиию таърихӣ, рушди сайёҳии экологӣ, кӯҳнавардӣ ва амалисозии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ оид ба таҳлилу баҳодиҳии равандҳои таъсиррасон ба экосистемаҳои табиӣ таъсис дода мешаванд ва фаъолияти онро дар маҷмӯъ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» танзим менамояд.



Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» дар маҷмӯъ хусусияти таҳририӣ дошта, барои ҳаммаъно гардонидани як қатор мафҳумҳо, истилоҳу ибораҳои дар қонуни амалкунанда истифодашаванда ва мушаххас намудани матни моддаҳои қонуни амалкунанда равона гардидааст.

Хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда»-ро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои фаъол буданатон миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# Розҳои Ҳошим Гадо



Ду чашм аз як чашм хубтару беҳтар мебинанд.

***

Овози каси танҳоро намешунаванд. Чун одамон ба ҳам ҷӯр шаванд, коинот аз садои онҳо ба ларза ояд.

***

Зиндагӣ чунон пасту баландиҳо ва рӯбоҳиҳо доштааст, ки чӣ тавр фиребат медиҳанд, хабар намеёбӣ.

***

Агар бо носипосе вохӯрдӣ, носипосӣ макун, вагарна аз ду носипос дунё вайрон хоҳад шуд.

***

Фикр ҳар қадар фишурда шуда бошад, ҳамон қадар пурмазмун хоҳад шуд.

***

Мо ҳамеша камбуди дигарон, ночизтарин гуноҳашонро мебинему ғайбаташон мекунем, вале аз бетамизиҳои хеш ёд намеорем, аҷиб…

***

Таҳқурсиат аз некӣ, аз хайрхоҳӣ бошад, бинои умрат мустаҳкам хоҳад буд. Агар таҳқурсиат аз бадию иғвогарию чоплусӣ бошад, селоби ҳаводис рӯзе онро сарозер хоҳад кард.

***

Вақт ба ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз раҳму шафқат нахоҳад кард. Ӯ ҳамаро рӯфта мебарад.

***

Ҳеҷ гоҳ ноумед машав, ин роҳат нашуд, ягон роҳи дигарашро биҷӯй, он роҳаш ҳам нашуд, севумашро бикоб, нашуд, 4-ум, 5-ум… охир якеаш барор хоҳад гирифт.

***Аз китоби «Розҳо», ҷилди якуми осори Ҳошим ГАДО***

## ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШИ ЯКҶОЯ

**аз 28 марти соли 2023, №200, шаҳри Душанбе**
**аз 28 марти соли 2023, №171, шаҳри Душанбе**

**Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармоиши якҷояи вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2021, №746 б/з ва вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2021, №1022**
**230.070.000.**

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»,

**ФАРМОИШ МЕДИҲЕМ:**

1. Ба Дастурамали муштараки тартиби татбиқи Қоидаҳои додани шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармоиши якҷояи вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2021, №746 б/з ва вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2021, №1022 «Дар бораи Дастурамали муштараки тартиби татбиқи Қоидаҳои додани шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 декабри соли 2021, №1112 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1) ба банди 26 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳудуди кишварҳои хориҷӣ бе азқайдбарорӣ аз ҷойи истиқомати доимӣ омадаанд, шиноснома баъди ба қайди муваққатӣ гузоштан дода мешавад.»;

2) сархати дуюми банди 28 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- шиноснома ва нусхаи шиносномаи падар ё модар ва ё намояндаи қонунии ӯ;»;

3) аз банди 29 калимаҳои «, дар сурати такрорӣ дода шудани шаҳодатномаи таваллуд нусхаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (минбаъд-САҲШ) оид ба дода шудани санади қайд дар бораи таваллуд» хориҷ карда шаванд;

4) банди 30 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«30. Дар мавриди пайдо шудани шубҳа - дар шахсияти шаҳрванди синни аз 18 боло (номутобиқатии синну сол, хато ва ворид шудани ислоҳот дар ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида ва аломатҳои сохтакорӣ) корманди масъули Хадамоти шиносномавию бақайдгирӣ нисбати шаҳрванд санҷиш гузаронида, барои тасдиқи шахсият ва ҷойи зисти ӯ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон баёноти падар ё модар, шиносон ва хешу табори ӯро (бо замимаи нусхаи шиносномаи онҳо) мегирад ва онҳоро оид ба ҷавобгарӣ доштани додани маълумоти бардурӯғ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳ менамояд.»;

5) дар банди 34 рақам ва калимаи «30 рӯз» ба рақам ва калимаи «2 моҳ» иваз карда шаванд;

6) сархати якуми банди 36 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

- «- аз ҷойи истиқомат, кор ё таҳсили пештара ва шаҳрвандоне, ки бо ӯ якҷоя зиндагӣ мекунанд (ё зиндагӣ кардаанд), маълумот мегирад, инчунин баёноти падар ё модар, шиносон ё хешу табори ӯро (бо замимаи нусхаи шиносномаи онҳо) гирифта, онҳо оид ба ҷавобгарӣ доштани додани маълумоти бардурӯғ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, огоҳ карда мешаванд;»;

- дар сархати дуюм калимаи «САҲШ» ба калимаҳои «сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (минбаъд-САҲШ)» иваз карда шавад;

7) ҷумлаи якуми банди 38 хориҷ карда шавад;

8) ба банди 39 сархати дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- шиносномаи умумишаҳрвандии хориҷӣ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар хориҷи кишвар ба таври доимӣ истиқомат мекунанд, ҳангоми бозгашти онҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ, агар дар созишномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад;»;

9) сархати сеюми банди 137 хориҷ карда шавад;

10) банди $137^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«$137^1$. Аз ҷониби Хадамоти шиносномавию бақайдгирӣ маълумоти шаҳрванд аз рӯйи бюрои суроғавӣ-маълумотдиҳӣ ё шакли №1 санҷида мешавад, дар мавриди мавҷуд набудани маълумот нисбат ба шаҳрванд, корманди хадамот аз Ҷамоати шаҳрак ё деҳот нусхаҳои варақаҳои бақайдгирӣ ё азқайдбарорӣ аз рӯйи китоби хоҷагидориро дастрас менамояд.»;

11) банди 140 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«140. Аризаи гум кардан ба Хадамоти шиносномавию бақайдгирии маҳали истиқомат ё маҳали будубош пешниҳод гардида, дар дафтари бақайдгирии шиносномаҳои гумшуда (шакли 24) ба қайд гирифта мешавад.»;

12) ба ҷумлаи якуми банди 346 пас аз калима ва рақамҳои «соати 22.00» калимаҳои «бо розигии соҳибмулк» илова карда шавад;

13) дар шакли 6 пас аз калимаи «Сардори» калимаи «ХШБ» илова карда шуда, дар қисми хулосавӣ калимаи «Сардори» ба калимаи «Корманди» иваз карда шавад;

14) шаклҳои 31 ва 32 хориҷ карда шаванд;

15) дар замимаи №5:

- аз сатрҳои чорум, шашум ва ёздаҳум рақам ва калимаи «2 сол» хориҷ карда шаванд;

- аз сатрҳои ҳаждаҳ ва бисту дуюм рақам ва калимаи «5 сол» хориҷ карда шаванд.

2. Фармоиши якҷояи мазкур ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

3. Назорати иҷрои фармоиши якҷояи мазкур ба зиммаи муовинони вазирони корҳои хориҷӣ ва корҳои дохилӣ-сарпарастони соҳа вогузор карда шавад.

**Вазири корҳои дохилии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**генерал - полковники милитсия**
**РАҲИМЗОДА Рамазон Ҳамро**

**Вазири корҳои хориҷии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Сироҷиддин**
**МУҲРИДДИН**

***Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рамзи Р/Б №$1112^1$ аз 12 апрели соли 2023 ба қайд гирифта шудааст.***

**Хонандагони азиз, Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 414813 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории бинои дастгоҳи марказии агентӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.04.2023 15:45:00 |
| 2 | 414833 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Антифриз ва равғанҳои молиданӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 24.04.2023 17:40:51 |
| 3 | 414825 | Муассисаи давлатии «Боғи Ғалаба» | Ниҳоли гулҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 25.04.2023 09:30:00 |
| 4 | 414834 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ашёи ошхона, маводи шустушӯй ва маҳсулоти тозакунӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 26 | 26.04.2023 17:39:13 |
| 5 | 414848 | Муассисаи давлатии «Кумаки аввалияи тиббию санитарӣ»-и ноҳияи Рӯдакӣ | Тест, пробирка ва масолеҳи масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 27.04.2023 10:00:00 |
| 6 | 414809 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 5.05.2023 15:05:00 |
| 7 | 414808 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 5.05.2023 15:10:00 |
| 8 | 414806 | Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, барқӣ, ниҳоли гулҳои мавсимӣ, моноблок, радиаторҳои равғанӣ, кондитсионер ва барномаи зидди-вирусӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 46 | 5.05.2023 15:20:00 |
| 9 | 414812 | Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии таҷрибавии №4 ба номи Владимир Опланчук»-и шаҳри Бӯстон | Гузаронидани системаи гармидиҳӣ дар муассиса (идомаи корҳо) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 5.05.2023 15:35:35 |
| 10 | 414814 | КВД «Сохтмони асосӣ»-и назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ | Идомаи сохтмони бинои иловагии Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10-и ноҳияи Рӯдакӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 5.05.2023 15:40:00 |
| 11 | 414811 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №98»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 26 | 5.05.2023 15:40:40 |
| 12 | 414810 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Сӯзишвории дизелӣ, бензин ва гази моеъ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 5.05.2023 15:45:00 |
| 13 | 414815 | Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе | Компютери фардӣ ва ноутбук | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 5.05.2023 15:50:00 |
| 14 | 414816 | Муассисаи давлатии «Кумаки аввалияи тиббию санитарӣ»-и ноҳияи Рӯдакӣ | Маҳсулоти чопӣ, молҳои канселярӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 5.05.2023 15:55:17 |
| 15 | 414822 | Муассисаи давлатии «Маркази вилоятии саратоншиносӣ»-и шаҳри Кӯлоб | Кашидани хати об | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 5.05.2023 16:15:20 |
| 16 | 414818 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии илмии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон» | Таҷҳизот, асбоб ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 26 | 5.05.2023 16:20:00 |
| 17 | 414820 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии урологӣ» | Доруворӣ ва молҳои тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 45 | 5.05.2023 16:20:00 |
| 18 | 414823 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мол ва таҷҳизоти барқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 5.05.2023 16:30:00 |
| 19 | 414791 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Муъминобод | Арматура ва семент | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 5.05.2023 16:44:38 |
| 20 | 414819 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо» | Молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ ва хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 77 | 5.05.2023 16:45:00 |
| 21 | 414821 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Моноблок ва манбаи бефосилаи барқӣ (ИБП) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 5.05.2023 16:50:00 |
| 22 | 414828 | Муассисаи давлатии «Раёсати обёрӣ»-и шаҳри Душанбе | Таъмири селпартои Шӯраксой, қитъаи 1 дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 5.05.2023 17:00:00 |
| 23 | 414827 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Барномаи компютерӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 5.05.2023 17:06:37 |
| 24 | 414829 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Пиёзи бехӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 5.05.2023 17:10:00 |
| 25 | 414830 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонии девори ҷанубӣ. Қисмати 3-юм) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 5.05.2023 17:10:00 |
| 26 | 414831 | Муассисаи давлатии «Мудирияти корхонаҳои сохташудаистода»-и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони бинои маъмурии МДНРА-и шаҳри Норак | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 5.05.2023 17:10:00 |
| 27 | 414832 | Беморхонаи касалиҳои сирояткунандаи шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 5.05.2023 17:25:00 |
| 28 | 414835 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Диски алмосӣ, матои банерӣ, масолеҳи сохтмонӣ, кузбасс-лак, омехтаи қуму шағал, плитаи бетонӣ ва қубури оҳану бетонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 14 | 5.05.2023 17:50:00 |
| 29 | 414794 | Бонки миллии Тоҷикистон | Молҳои рӯзгор, ранг, лавозимоти зиддисӯхтор, маводи канселярӣ, маҳсулоти сохтмонӣ, картриҷ, асбобҳои мулоим, батарея, асбобҳои рӯшноидиҳанда, асбобҳои рӯзгор, мебел, асбобҳои барқӣ, лавозимоти бандубастии пулҳо, бандерол, сургуч, риштаи ғафс (шпагат), селофан ва ҳисобкунаки пул барои пулу танга | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 115 | 5.05.2023 18:00:00 |
| 30 | 414836 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Мошинҳои барқӣ, стартер, коммутатори корд, реле, датчики иттилоотӣ, чароғ ва чароғҳои зериобӣ, соплаҳои мусиқӣ ва фавворавӣ, лак | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 5.05.2023 18:25:25 |
| 31 | 414837 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонӣ: корҳои кандакорӣ ва ороишии толори №4-и бинои осорхона) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 06.05.2023 14:27:27 |
| 32 | 414838 | Муассисаи давлатии «Маркази стоматологӣ»-и шаҳри Конибодом | Курсии стоматологӣ ва дастгоҳи рентгении рақамӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 06.05.2023 14:27:27 |
| 33 | 414764 | Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи НБО-и «Роғун» | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.05.2023 08:30:00 |
| 34 | 414842 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Сино»-и шаҳри Душанбе | Асфалти хунук ва битум | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 10.05.2023 09:20:59 |
| 35 | 414843 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Бензин ва сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 10.05.2023 09:30:59 |
| 36 | 414844 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Асфалти гарми майдадона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 10.05.2023 09:35:00 |
| 37 | 414845 | Муассисаи таҳсилоти умумии асосии №3 | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.05.2023 09:35:00 |
| 38 | 414846 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Бензин ва сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 10.05.2023 09:35:59 |
| 39 | 414849 | Муассисаи давлатии «Таваллудхонаи №2»-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.05.2023 10:02:00 |
| 40 | 414850 | Хадамоти давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи энергетика | Таъмири ҷории бинои хадамот | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.05.2023 10:35:00 |
| 41 | 414851 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюби «Чорбоғ» дар ноҳияи Варзоб | Таъмири косметикии дохили бинои №2 ва пӯшонидани фарш бо ламинат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.05.2023 11:00:00 |
| 42 | 414852 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №71-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.05.2023 11:10:00 |
| 43 | 414841 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ҷорӯби калон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 10.05.2023 14:44:44 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 8-уми майи соли 2023 музоядаи № 15-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд

| № | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Телефони мобилии истеҳсоли Ҷумҳурии Халқии Хитой тамғаи «Айфон 13 pro» ва «14 pro», ки дохили онҳо аз барномаи «Apple Iphone XR» сохта шудаанд | адад | 23 | 56350 |
| 2 | Фурӯзонакҳои камасраф 5W истеҳсоли Ҷумҳурии Халқии Хитой | адад | 1000 | 4000 |
| 3 | Фурӯзонакҳои камасраф 7W истеҳсоли Ҷумҳурии Халқии Хитой | адад | 100 | 500 |
| 4 | Фурӯзонакҳои камасраф 12W истеҳсоли Ҷумҳурии Халқии Хитой | адад | 700 | 4900 |
| 5 | Фурӯзонакҳои камасраф 18W истеҳсоли Ҷумҳурии Халқии Хитой | адад | 250 | 2500 |
| 6 | Фурӯзонакҳои камасраф 28W истеҳсоли Ҷумҳурии Халқии Хитой | адад | 150 | 2500 |
| 7 | Фурӯзонакҳои камасраф 38W истеҳсоли Ҷумҳурии Халқии Хитой | адад | 120 | 2400 |
| 8 | Ҷӯроби (носки) истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон | кг | 130 | 13000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишонаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон-21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда - **ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон-21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10.00** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон-21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 23-юми майи соли 2023 музоядаҳои № 2 ва 3-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул барпо менамояд

**МУЗОЯДАИ № 2**

- бино ва иншооти Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар ноҳияи Ванҷ, кӯчаи Бобоҷон Ғафуров. Нархи ибтидоӣ - 25 000 сомонӣ;
- иншооти «Бойлерная»-и Корхонаи фаръии «Шахтаи Фон-Яғноб»-и Корхонаи воҳиди давлатии «Ангишти Тоҷик»-и Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар ноҳияи Айнӣ. Нархи ибтидоӣ - 15 000 сомонӣ.

**МУЗОЯДАИ № 3**

- ду адад бинои анборҳои Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ҷамаст», воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Шестопалов - 26. Нархи ибтидоӣ - 114 000 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон-21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон-21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон-21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Васиятномаи силсилараҷами 1Р-600-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Панҷакент 9-уми июли сол 2003 ба Музаффарова Муҳаббат додааст, эътибор надорад.

✓ Патент ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур ба Ниёзбекова Умайра Давлятбековна (РМА 037356909) додааст, эътибор надорад.

✓ Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур ба Ниёзбекова Шаҳло Давлятбековна (РМА 037716706) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Каратегинская, ҳавлии № 46«а» ба Садыкова Интизор додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми синфи нуҳуми № 0342297-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 2009 ба Ҳайдарова Моҳира Ҳабибуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии №000379/ 2018-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 2018 ба Шафӣ Норин додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ №0769775-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №52-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2020 ба Калонова Матлюба Алимҷоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансур ба Ғафурҷонов Азимҷон Мансурович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хизматии №123-и гумшудаи иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Саидов Ҷамшед Элмуродович эътибор надорад.

✓ Муҳри гумшудаи ҶДММ «Тоиф» (РМА 120041968) эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи маълумоти ҳаштсолаи силсилаи Б № 185429-и гумшуда, ки онро Мактаби ҳаштсолаи ба номи Зоя Космодемьянскаяи ноҳияи Айнӣ соли 1980 ба Муродов Зоҳид Авезович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ, Иқтибос аз феҳристи ягонаи шахси ҳуқуқӣ ва муҳри гумшудаи ҶДММ «Ганҷ» (РМА 030003336), воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур эътибор надоранд.

✓ Замимаи гумшуда ба дипломи силсилаи КХ № 72773, ки онро Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон соли 2013 ба Эгамова Наргис Тахировна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ № 202881-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №32-и ноҳияи Айнӣ соли 1997 ба Ғафурова Давлатмоҳ Азизовна додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ ба Эмомов Нуралӣ Қурбоналиевич (РМА 205577458, РЯМ 0331440258) додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Муҳаммад Солеҳ» (РЯМ 6010005320, РМА 600013054), ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0288644 буда, дар Нозироти андози шаҳри Панҷакент 17-уми июни соли 2016 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

✓ Кооперативи тиҷоратии «Бобои Қандибой» (РЯМ 3210001135, РМА 320004161), ки 30-юми марти соли 2015 дар Нозироти андози ноҳияи Қубодиён ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии варзишии «Ҳосилот» (РМА 010090128) , ки таҳти рақами ИҶ 1071 санаи 13-уми феврали соли 2009 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум
Конститутсия - кафолати рушди устувори давлатдорӣ ва волоияти қонун

Муассис:
Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН
Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 20 апрели соли 2023, соати 12:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр - 35690 нусха*

Навбатдори шумора
Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97